**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 340.111(575.3)**
**ТБК: 67.3**
**М – 90**

**МУМИНЗОДА МАҲМАДШАРИФ НОЗИМ**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ УҲДАДОРИИ ҲАРБӢ

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**ДУШАНБЕ – 2026**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Одиназода Рамазон Сафар** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори Маркази барномаҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Аламшозода Фаридун Аламшо** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия «09» июни соли 2026, соати $11^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 1, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Суроға: Қодиров Н.А. Email: master.nek@mail.ru (тел.: 905808686).

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» __________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он, мутобиқи қисми 1 моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст [1]. Ҳамзамон бо ин, доштани қувваҳои мусаллаҳ аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ба шумор рафта, кафили боэътимоди миллат дар баробари таҷовузҳои хориҷӣ ва эътидолбахши хатарҳои сатҳи дохилӣ ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» қайд мекунанд, ки яке аз сабабҳои нигоҳ дошта натавонистани ҳокимият ва тартиботи ҷамъиятӣ дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ надоштани қувваи боэътимоду вафодор буд [10]. Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ин омили муҳимми давлатдориро дарк намуд ва ба вазъи мушкили сиёсию иқтисодӣ нигоҳ накарда, ба ташкили ҚМ оғоз кард.

Даъвати ҳарбӣ бо мақсади таъмини манфиатҳои ҷамъиятии мудофиа ва амнияти давлат муқаррар карда шуда, ҳангоми иҷрои он ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои шахсии шаҳрвандони уҳдадор бештар ва ё маҳдуд карда мешавад.

Дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ вазифаҳои конститутсионии шахс, дар маҷмуъ, пурра ва асоснок омӯхта нашудааст. Аз ҷумла, таҳқиқоти мустақилонаи уҳдадории ҳарбие, ки масъалаҳои назарияviро бо назардошти таҷрибаи дохилӣ ва хориҷии танзими ҳуқуқӣ ва иҷрои уҳдадории ҳарбӣ ҳал намояд, то ҳол вуҷуд надорад.

Қобили зикр аст, ки айни замон механизмҳои таъмини амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар дар таҳаввулот қарор дорад. Тамоюли ҷаҳонии қатъи даъвати ҳарбӣ дар замони осоишта, ки бо тағйироти ҷомеаи муосир алоқаманд аст, мушкилоти демографӣ ва афзоиши зарари иқтисодӣ аз даъвати шаҳрвандони соҳибхтисос дар кишварҳои пешрафта, таҳкими аҳаммияти арзишҳои умумиинсонӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, маҳкум намудани милитаризм ва таҷовуз, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, мушкилоти

сиёсии истифодаи даъватшавандагон дар муноқишаҳои ҳарбӣ, ҚМ (мушкилоти техникаи ҳарбӣ ва ихтисосҳои ҳарбӣ) ва хусусияти муноқишаҳои ҳарбӣ дастгирии дахлдори ҳуқуқӣ ва асоснокии консептуалиро талаб мекунад. Айни замон ба таври худсохт нусхабардории баъзе таҷрибаҳои «универсалӣ» ва таҷрибаи хориҷӣ бе мутобиқат ва асосноккунии дуруст ғайримантиқӣ мебошад, зеро танзими он ба анъанаҳои таърихӣ асос ёфта, созгорӣ ва ихтилофи он ба минталитети миллӣ ба назар мерасад.

Падидаи уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи ислоҳоти тадриҷӣ ва мунтазамро аз сар мегузаронад. Ин, пеш аз ҳама, дар тағйир додани шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ зоҳир мегардад. Навовариҳои аз ҳама намоён ва бунёдӣ дар ин самт ҷорӣ намудани хизмати алтернативии шаҳрвандӣ (сафарбаркунӣ) буда, ҳамзамон, ҷалби шахсони дорои маълумоти олиро дар бар мегирад. Ин тағйирот дар тартиби адои хизмати ҳарбӣ, дар навбати худ, ба қоидаҳои тартиби бақайдгирии ҳарбӣ ва тартиби даъвати ҳарбӣ таъсир расонида, ифодагари он аст, ки давлат пайваста кӯшиш менамояд, то шаклҳои нави иҷрои уҳдадории ҳарбиро инкишоф дода, самаранокии шаклҳои мавҷударо беҳтар намояд.

Аз мушкилоти назариявию ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ бархӯрди манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар хизмати ҳарбӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи кунунии ташаккули давлати миллӣ омӯзиши таърихӣ ва ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ муҳим буда, барои ислоҳоти минбаъдаи он пешниҳод ва тавсияҳои дахлдор зарур мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Доираи масъалаҳое, ки дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ шудаанд, комплексӣ ба ҳисоб рафта, дар асарҳои олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд: У.А. Азиззода [17], Н.И. Бобоева [38], Э.Б. Буризода (И.Б. Буриев) [4], А.М. Диноршоҳ (Диноршоев) [6; 41], Ш.Ф. Искандаров [19], П.А. Исозода [42], И.Қ. Миралиев [23], А.М. Мирзокаримзода [24], Ш.М. Мусоев [46], А.Қ. Назаров [25; 47], Н.М. Назаршоев [7], Э.С. Насриддинзода (Насурдинов) [26; 27; 48], Х.О. Ойев [8; 9], И.И. Саидзода [29], Б.А. Сафарзода (Сафаров) [12; 50], Ҷ. Саъдизода [31;

36], Н.Д. Табаров [52], А.Ғ. Холиқзода [34; 35], Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев) [14].

Тавре ки пештар ишора шуд, то имрӯз уҳдадории ҳарбӣ объекти таҳқиқи бевоситаи олимони тоҷик нагардидааст, танҳо Ф.Ш. Шарифзода [37] ва Ғ.М. Бобокалонов [18] дар мақолаҳои худ паҳлуҳои муайяни уҳдадории ҳарбиро баррасӣ кардаанд. Аз ҷумла, дар мақолаи Ф.Ш. Шарифзода – «Навгониҳо дар қонунгузории уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ: (таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ)» [37] тағйиру иловаҳое, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» соли 2020 ворид карда шуд, мухтасар таҳлил гаштааст. Дар мақолаи Ғ.М. Бобокалонов – «Танзими ҳуқуқии қатъ шудани шартномаи меҳнатӣ ҳангоми даъват ё ба хизмати ҳарбӣ дохил шудани корманд» [18], масъалаи шартномаи меҳнатӣ ҳангоми даъват шудани корманд ба хизмати ҳарбӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар асарҳои муҳаққиқони тоҷик – Э.Б. Буризода ва Х.Х. Хушвахтзода ҷиҳатҳои ҷудогонаи уҳдадории ҳарбӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон инъикос ёфтааст [15].

Муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили Н.М. Богатирёва [39], М.А. Гречухина [40], А.С. Климова [43], И.В. Коршунова [44], Н.А. Маслов [20; 21; 45], М.А. Пронина [49], К.И. Слесарский [32; 33; 51], С.В. Чибисов [53], Э.А. Юнусов [54] ба масъалаи уҳдадории ҳарбӣ ва ватандӯстӣ таваҷҷуҳ кардаанд.

Аз ҷумла, Н.А. Маслов [45] ҷиҳати таърихии уҳдадории ҳарбиро дар асарҳои худ қисман таҳлил намудааст. С.В. Чибисов [53], таърихи қонунгузории уҳдадории ҳарбиро пурра таҳлил кардааст. Аз ҷониби К.И. Слесарский [51] ҷиҳати конститутсионӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳарчанд уҳдадории ҳарбӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ҳамчун масъалаи мубрам мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, вале то имрӯз дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таваҷҷуҳи олимони ватаниро ба худ ҷалб накардааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Масъалаҳои

назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот, пеш аз ҳама, муайян намудани хусусияти ҳуқуқӣ, мазмун, шаклҳои танзим ва рушди уҳдадории ҳарбӣ дар шароити муосир, бо назардошти хусусиятҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ ва сиёсии Тоҷикистон, ҳамчунин, таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили қонунгузорӣ дар бораи уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зерин лозим аст:

– таҳлил ва муайян кардани принсипҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;.

– таҳқиқи равандҳои ташаккул ва таҳкими низоми ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– омӯзиши ҳуқуқу озодиҳои инсон дар заминаи уҳдадории ҳарбӣ ва таъмини амният;

– таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии хизмати ҳарбӣ ва равандҳои даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳқиқоти сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар соҳаи хизмати ҳарбӣ ва татбиқи онҳо дар Тоҷикистон;

– таҳлили муқоисавии низомҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва таҷрибаҳои давлатҳои хориҷа;

– муайян кардани моҳият ва нақши маҳфҳуми ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ.

**Объекти таҳқиқро** маҷмуи муносибатҳои иҷтимоие ташкил медиҳад, ки дар раванди таъсис, татбиқ ва ташаккули уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун як ниҳоди ҳуқуқӣ инкишоф ёфта, дар рушди таърихӣ ва фаҳмиши назариявӣ ва ҳуқуқии он ба назар гирифта мешаванд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқ танзими ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур инкишоф ва такмили таърихии уҳдадории ҳарбиро аз замони низоми ҳуқуқи зардуштӣ то имрӯз дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2020-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур бар пояи дастовардҳои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлату ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва илми ҳуқуқи конститутсионӣ асос ёфтааст. Дар заминаи онҳо таҳлил ва баррасии уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун яке аз институтҳои муҳимми ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад. Асоси назариявӣ аз осори олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷие, ки ба масоили уҳдадории шаҳрвандон, ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини амнияти миллӣ ва сохтори низоми ҳарбӣ бахшида шудаанд, иборат мебошад. Истифодаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои дигар низ ба таҳкими асоси назариявии тадқиқот мусоидат менамояд.

Дар таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назариявӣ таҳқиқоти илмии донишмандони хориҷӣ, аз қабили Н.М. Богатирёва, М.А. Гречухина, А.С. Климова, И.В. Коршунова, Н.А. Маслов, М.А. Пронина, К.И. Слесарский, С.В. Чибисов, Э.А. Юнусов ва донишмандони ватанӣ У.А. Азиззода, Н.И. Бобоева, Э.Б. Буризода, А.М. Мирзокаримзода, Ш.М. Мусоев, Н.М. Назаршоев, Э.С. Насриддинзода, Х.О. Ойев, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон истифода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар анҷом додани ин таҳқиқ усулҳои умумиилмӣ, аз қабили таҳлил, индуксия, дедуксия, ҳамзамон, усулҳои махсуси илмӣ, ба монанди муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-тавсифӣ ва ҳуқуқӣ-таърихӣ истифода шудааст. Барои дарки бештари масоил ва дақиқтар намудани маълумот аз усулҳои фактологӣ-оморӣ кор гирифта шудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқот Конститутсияи ҶТ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода бурда шудааст. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин, санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида оид ба уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муҳимтарин замина Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мерав637.

**Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин хулоса мешавад:**

1. Нахустин бор уҳдадории ҳарбӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба таври монографӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

2. Уҳдадории ҳарбӣ дар муқоиса ба дигар уҳдадориҳои шаҳрванд бори аввал мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

3. Уҳдадории ҳарбӣ нахустин бор дар низоми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд баррасӣ шуда, мавқеи қонунгузорӣ дар ин самт нишон дода шудааст.

4. Мавқеи қонунгузориҳои кишварҳои дигар дар робита ба уҳдадории ҳарбӣ шарҳу тавзеҳ дода шуда, қонунгузории Тоҷикистон ба онҳо муқоиса карда шудааст.

5. Бори аввал уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун рукни ватандӯстӣ ва худшиносӣ ба баҳс кашида шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳияи модели назариявӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқи шаҳрвандӣ шакл дода шудааст. Исбот шудааст, ки уҳдадории ҳарбӣ танҳо як навъи вазифаи иҷтимоӣ набуда, балки институти мукаммали ҳуқуқӣ мебошад, ки бо ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрванд вобастагии мустақим дошта, дар робита бо ҳуқуқ ба амнияти миллӣ, вазифаи конститутсионии ҳимояи ватан, ҳуқуқ ба озодӣ, баробарӣ ва масъулияти шаҳрвандон дар асоси таҳлили ҳуқуқи конститутсионӣ мавқеи илмии нав пайдо мекунад.

2. Таҳлили муқоисавии муфассали танзими ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар қонунгузории миллии Тоҷикистон ва қонунгузории

кишварҳои хориҷӣ, масъалаҳои ҳассоси ин соҳа, шаклҳои иҷрои уҳдадориҳо, механизмҳои татбиқи масъулиятҳои шаҳрвандон, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои хизмат, аз назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври комил арзёбӣ шудаанд. Ин таҳлил на танҳо аз ҷиҳати амалӣ барои таҳия ва такмили меъёрҳои миллии хизмати ҳарбӣ имкон фароҳам меорад, балки бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва талаботи амнияти миллӣ барои рушди сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон дар самти хизмати ҳарбӣ заминаи устувор фароҳам месозад. Дар натиҷа, низоми уҳдадории ҳарбӣ метавонад ҳам мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ бошад ва ҳам эҳтиёҷоти стратегӣ ва амнияти кишварро пурра таъмин намояд.

3. Таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ нишон медиҳад, ки мафҳум ва истилоҳи «уҳдадории ҳарбӣ» ҳамчун категорияи ҳуқуқи умумӣ дертар пайдо шудааст, аммо иҷрои вазифаи дифоӣ дар фарҳангҳои қадимӣ то ҳадде ба шакли «уҳдадории иҷтимоӣ» вуҷуд дошт. Навгонӣ дар он аст, ки таҳлилҳои муосир ин вазифаро на танҳо як амалиёти низомӣ, балки як институти иҷтимоӣ-сиёсӣ меҳисобанд. Аз ин нигоҳ, уҳдадории ҳарбӣ на танҳо ҳимояи марзҳо, балки ҳифзи суботи дохилӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷомеа ва таъмини ҳувияти миллиро дар бар мегирад. Ин дидгоҳ имкон медиҳад, ки таъсири уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун як падидаи таърихӣ-ҳуқуқӣ фаротар аз «ҳимоя аз истилогарон» арзёбӣ гардад ва ҳамчун механизми ташаккули салоҳияти давлатӣ ва фарҳанги ватандорӣ дар таҳқиқот ҷойгоҳ пайдо кунад.

**4.** Уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун низоми иҷтимоӣ-ҳуқуқии мутобиқшаванда танҳо маҷмуи қоидаҳои ҳуқуқӣ нест, он бо арзишҳои ҷомеа, эътимод ба давлат, сатҳи эътирофи ҳуқуқи инсон ва сохтори иқтисодӣ сахт пайваст мебошад. Даъвати ҳарбӣ бояд дар асоси принсипи тавозуни манфиатҳои миллӣ ва ҳуқуқи шахсӣ таҳлил шуда, таҳияи модели пешгӯишаванда, аз ҷумла ба муносибати байни талаботи амният ва талаботи ҳуқуқи инсон равона бошад. Ин раванд ба таҳияи механизмҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии нав, ки дар кишварҳои пешрафта истифода мешаванд,

мусоидат мекунад. Низоми даъвати ҳарбӣ бояд ҳамчун системаи мутобиқшаванда ба шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардад. Ин модел имкон медиҳад, ки равандҳои сафарбаркунӣ ва адои хизмат бо принсипҳои ҳуқуқи инсон, арзишҳои миллӣ ва эҳтироми манфиатҳои умумӣ мутобиқ карда шаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҳам манфиатҳои давлат ва ҳам ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳамзамон ҳифз шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти масъалаҳои назариявӣ ва таърихию ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ аҳаммияти хоса дорад, зеро он имконият фароҳам меорад, ки табиати ҳуқуқии ин институт аз нуқтаи назари таърихӣ ва назариявӣ бо равишҳои илмӣ таҳлил гардад ва заминаи рушди минбаъдаи назарияи давлат ва ҳуқуқ таъмин шавад. Аҳаммияти назариявӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба тавсеаи мафҳум ва категорияҳои илми ҳуқуқ, равшан сохтани асосҳои таърихӣ ва иҷтимоии уҳдадории ҳарбӣ, ҳамчунин такмил додани андешаҳои илмӣ оид ба муносибати шахс ва давлат дар соҳаи дифоъ мусоидат намоянд. Аҳаммияти амалӣ бошад, дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои кор метавонанд барои такмили қонунгузории миллии марбут ба уҳдадории ҳарбӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳарбӣ, инчунин дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҳуқуқшиносӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар мақолаҳои тақризшаванда ва илмӣ, ҳамчунин, дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва дар услуби навишти махсуси диссертант асоснок карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, пеш аз ҳама, дар интихоби мустақилона ва асоснок намудани мавзуи таҳқиқот, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳо, гузоштани масъалаҳои илмӣ ва ҳал намудани онҳо, инчунин, дар мавриди ба даст овардан ва ҷамъбасти хулосаҳои илмӣ ифода меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар таърихи 18 феврали соли 2026 мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқ дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ бо маъруза иштирок намудааст. Аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ зери унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи «Омилҳо ва асосҳои ҳуқуқии қабули стратегияи ватандӯстӣ». – (Душанбе, 2022);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров бо номи XIII хонишҳои Ломоносов – маъруза дар мавзуи «Правовая ответственность в сфере воинской обязанности по законодательству Республики Таджикистан». – (Душанбе, 2023);

– Конференсияи XXIII байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ: проблемаҳои муосири назария ва амалия» – маъруза дар мавзуи «Правовый источники обязанности человека в правовой системе зороастризма». – Душанбе, 2023;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи тиҷорат ва амнияти иттилоотӣ» – маъруза дар мавзуи «Нақши ҚМ дар мубориза бо терроризм: ҷанбаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2023;

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, эълони соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 30-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ –

маърuза дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии гузариш ба бақайдгирии ҳарбии электронӣ: монеаҳо ва имкониятҳо». – Душанбе, 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 181 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот шарҳ дода шуда, нуктаҳои илмии тадқиқот, ҳам аз нуқтаи назари объекти таъиншуда ва ҳам аз нуқтаи назари мушаххаси мавзуи дақиқ баён гардида, асосҳои назариявӣ ва чаҳорчӯбаҳои методологӣ, ки мақсади тадқиқотро муайян мекунанд, ба таври дақиқ тавсиф карда шудаанд.

**Боби якум «Принсипҳо ва асосҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмат дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

**Дар зербоби якум, ки «Принсипҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад, амнияти давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини Истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи боэътимоди марзу буми кишвар ва осоиштагии мардум, ки яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ ба шумор меравад, баррасӣ шудааст. Воқеан, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат мактаби бузурги ҷасорату мардонагӣ ва далериву шуҷоат аст. Ин вазифаи муқаддас ва пурифтихори на танҳо хизматчиёни ҳарбӣ, балки ҳар як фарди солимфикр ва бонангу номуси кишвар, махсусан насли ҷавон мебошад. Барои ҷавонон яке аз муҳимтарин мактаби обу тоби ҳаёт хизмат дар сафи ҚМ

мамлакат аст. Маҳз дар ҳамин ҷо ҳар як ҷавон мардонагӣ омӯхта, муқаддастарин арзиши ҳаёт – дӯст доштан ва содиқона муҳофизат кардани хоки поки Ватани азизро меомӯзад.

Институти уҳдадорӣ дар тули садсолаҳо ҷанбаи бунёдии ҷомеаи инсонӣ буда, пайдоиши онро метавон ба рушди тамаддунҳои муташаккил ва таъсиси сохторҳои иҷтимоӣ рабт дод. Ҳанӯз олими Рими қадим Ситсерон дар асари худ «Дар бораи уҳдадориҳо» қайд менамояд, ки бузургону гузаштагони мо дар бораи уҳдадорӣ асарҳо эҷод намудаанд ва паҳлуи ҳаёти мо – на давлатӣ, хусусӣ, судӣ, маишӣ, на ҳодисае, ки шумо ба назди худ савол медиҳед ва бо ҳамсоятон шартнома мебандед, аз уҳдадорӣ озод буда наметавонад [16, с. 400].

Яке аз омилҳои асосии пайдоиши институти уҳдадорӣ эътирофи вобастагии мутақобила дар дохили ҷомеа мебошад. Вақте ҷомеаи инсонӣ калонтар ва мураккабтар шуд, одамон дарк карданд, ки амалҳо ва интихоби онҳо ба дигарон таъсир мерасонад. Ин фаҳмиш ақидаеро ба вуҷуд овард, ки фардҳо уҳдадоранд, то ба ҷомеаҳои худ саҳми мусбат расонанд ва амалҳои муайянро барои нигоҳ доштани тартибот ва ҳамбастагии иҷтимоӣ иҷро кунанд.

Мувофиқи «Фарҳанги энсиклопедии Шуравӣ», уҳдадорӣ «категорияи ахлоқ, вазифаҳои ахлоқии шахсест, ки аз рӯйи ангезандаҳои виҷдон иҷро карда мешавад» [13, с. 404]. Ба ин нукта Ф. Гегел ишора карда буд: «Уҳдадорӣ дар асоси қонун (ба маънои объективӣ) иҷро карда мешавад, ки бо зарурати беруна тавсиф мешавад ва барои иҷрои уҳдадорӣ муносибати субъективии шахс муҳим аст» [5, с. 54-55].

Агар мо ба Гегел пайравӣ кунем, ки озодӣ як зарурати бошуурона аст, пас, метавон гуфт, ки озодии машғул шудан ба меҳнат дарк кардани зарурати меҳнат ҳамчун манбаи мавҷудият аст. Аён аст, ки ин раванд маҷбурӣ ва иродаи озоди кор надорад. Ба ин маънӣ, ангезаи меҳнатро на дар соҳаи ҳуқуқӣ, балки дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ ҷустуҷу кардан лозим аст, ки дар он ҷо характери ҳавасмандгардонии меҳнатро пайдо мекунад.

Аз таҳлили истилоҳии мафҳумҳои "уҳдадорӣ" ва "қарз" бармеояд, ки мафҳуми аввалӣ ба категорияи ҳуқуқӣ ва дувумӣ ба категорияи ахлоқӣ тааллуқ дорад. Бо назардошти ин, истифодаи

истилоҳи уҳдадорӣ дар падидаи мазкури ҳуқуқӣ – хизмати ҳарбӣ мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҷаҳонишавӣ нақши мақоми ҳуқуқии шахс дар ҳалли мушкилоти мубрами тамоми инсоният меафзояд. Унсурҳои мақоми ҳуқуқӣ инҳоянд: ҳуқуқҳо, манфиатҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳои шахс ва шаҳрванд.

Мақоми ҳуқуқии шахс системаи ҳуқуқҳо, кафолатҳо ва ҳимояи онҳо, инчунин вазифаҳо ва масъулияти шахсро дар назди ҷомеа ва давлат дар бар мегирад ва ба шахс имкон медиҳад, ки дар идоракунии корҳои ҷомеа ва давлат иштирок кунад. Дар навбати худ, ҷомеа ва давлат дар назди шахс барои фароҳам овардани шароит ва кафолатҳо барои татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои ӯ масъуланд.

Вазифаҳои конститутсиониро намудҳои рафтори иҷтимоӣ ва зарурии шаҳрвандон, ки аз ҷониби давлат муқаррар карда шудаанд ва дар Конститутсия мустаҳкам карда шудаанд фаҳмидан мумкин аст.

Риоя уҳдадориҳои асосӣ бо тамоми чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ таъмин карда мешавад. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани онҳо аз хусусияти вайронкунӣ ва соҳаи муносибатҳое, ки ба он тааллуқ дорад, вобаста аст. Қонунгузории ҷорӣ низоми тафриқавии чораҳои ҷавобгариро пешбинӣ мекунад. Барои вайронкунии вазнини уҳдадориҳо аз тарафи шаҳрванд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун чораҳои ҷавобгарии ҷиноӣ татбиқ карда мешавад, ки ба натиҷаи маҳдудияти имконияти истифодаи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ мегардад.

Дар шакли умумӣ, вазифаҳои конститутсионии давлатро метавон ҳамчун талаботи асосии дар қонунгузории ҷорӣ, асосан қонунҳои конститутсионӣ муқарраршуда нисбат ба давлат дар бораи вазифаҳои ба зиммаи ҷамъият вогузоршуда вобаста ба ҳифзи соҳибихтиерӣ ва таъмини ҳуқуқи инсон муайян кард, ки ҳалли онҳо тартиботи дохилӣ ва амнияти хориҷии онро таъмин мекунад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми ин меъёрҳо ҳамчун вазифаҳои конститутсионии шахс ва шаҳрванд пешбинӣ шудаанд.

– риояи Конститутсия ва қонунҳо

– эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон

– нигоҳубини кӯдакон ва волидон

– гирифтани таҳсилот

– ухдадории ҳарбӣ

– ғамхорӣ дар бораи ҳифзи мероси таърихӣ ва фарҳангӣ

– пардохти андозҳо

Уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд дар санадҳои байналмилалӣ аз хислати яктарафа доштани санадҳои мазкур дарак медиҳад, дар ҳоле ки дар конститутсияҳои кишварҳо дар баробари ҳуқуқи шаҳрванд ба уҳдадориҳои ӯ низ ба таври мушаххас ишора мешавад.

Мафҳуми имрӯзаи уҳдадории ҳарбӣ бо Инқилоби бузурги Фаронса алоқаманд аст, ки дар баробари эълон доштани ҳуқуқҳо уҳдадории ҳарбӣ дар соли 1798 эълон гашт ва ин қонун аввалин санади муосир дар ин соҳа ба шумор меравад.

Муқаррароте, ки муносибати байни ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсро муайян мекунанд, дар мазмуни ҳуҷҷатҳои бонуфузи байналмилалӣ ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд. Дар моддаи 1 ЭУҲИ аз 10 декабри соли 1948 гуфта шудааст: «Ҳамаи одамон озод ва аз ҷиҳати шаъну шараф ва ҳуқуқ баробар таваллуд мешаванд. Онҳо ақлу виҷдон доранд ва бояд бо ҳамдигар дар руҳи бародарӣ рафтор кунанд. Ҳамчунин, дар моддаи 29 ЭУҲИ муқаррар карда шудааст: «Ҳар шахс дар назди ҷомеа уҳдадориҳое дорад, ки бо иҷрои он инкишофи озодона ва пурраи шахсияти ӯ имконпазир аст» [1].

Дар Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, инчунин, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 оварда шудааст, ки ҳар фард дар назди афроди дигар ва гурӯҳе, ки ба он мансуб аст, масъулият дорад. Ҳарчанд санадҳои байналмилалӣ мавҷудияти уҳдадориҳоро инкор накарда, мавҷудияти онҳоро ҷузъи ҷомеаи демократӣ ҳисобанд ҳам, аммо ба

гунаи ҳуқуқу озодиҳо дар бораи уҳдадориҳо сухан намеронанд ва шояд ин ба он хотир аст, ки чунин уҳдадориҳо универсалӣ буда наметавонанд.

Ҳуҷҷатҳои мазкур муҳимтарин шартномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон буда, асоси чаҳорчӯби ҷаҳонии ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳамчун дастурамал барои давлатҳо ҷиҳати эҳтиром, ҳифз ва иҷрои ҳуқуқҳои шахсони алоҳида дар доираи салоҳияти худ хизмат мекунанд. Давлатҳое, ки ин шартномаҳоро ба тасвиб расонидаанд, қонунан уҳдадоранд, ки муқаррароти онҳоро риоя кунанд ва барои таъмини риояи онҳо механизмҳои назорат ва гузоришдиҳиро таҳия ва ташкил намоянд.

Масъалаи дигаре, ки дар раванди омӯзиши мавзуъ ба вуҷуд омад, ин номуайянии сарҳади мафҳумҳои хизмати ҳарбӣ ва уҳдадории ҳарбӣ мебошад.

Хизмати ҳарбӣ аз хизмати давлатӣ бармеояд ва ба андешаи Х. Ойев, «хизмати давлатӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз намудҳои хизмати оммавӣ ба шумор рафта, дар арсаи илми ҳуқуқи идоракунии ватанӣ мафҳуми нави оммавию ҳуқуқӣ дорои мазмуни гуногун мебошад» [9].

Ба андешаи Д.А. Керимов, «қимати мафҳумҳои ҳуқуқиро аз назар соқит кардан имкон надорад. Онҳо на танҳо нишондиҳандаи маданияти тафаккур, балки воситаи ворид шудан ба моҳияти объектҳои ҳуқуқии омӯхташаванда мебошад».

Мутобиқи моддаи 43 Конститутсияи ҶТ, «ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст».

Уҳдадории ҳарбӣ ин уҳдадории (хизмати умумии ҳарбӣ) шаҳрвандон (дар аксари давлатҳо - мардон) барои иҷрои хизмати ҳарбӣ ё миллӣ (алтернативӣ, шаҳрвандӣ) мебошад.

Масъалаҳои иҷтимоию маънавии инсон ва ҷамъиятро бе эътибор гирифтани вазъи кунунии ҷаҳон ҳал кардан ғайриимкон аст. Дар шуури ҷамъиятӣ бо боло рафтани худпарастӣ, бепарвоӣ, хашмгинӣ ва муносибати бетарафӣ нисбат ба давлат паҳн мешавад. Дар сатҳи ҷаҳонӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ тамоюли паст шудани обрӯи чи хизмати ҳарбӣ ва чи хизмати давлатӣ мушоҳида

карда мешавад. Аз ин рӯ, бояд такя ба принсипҳое кард, ки муносибати ҷамъиятиро на танҳо дар чорчӯбаи мушаххас нигоҳ дорад, балки арзиши маънавии инсонро боло бурда, шаҳрвандонро дар руҳияи иҷрои ҳуқуқу уҳдадории худ равона созад. Моҳиятан вақте сухан дар бораи уҳдадории ҳарбӣ меравад, онро бояд аз дигар институтҳои ба ҳам монанд, ба мисли хизмати давлатӣ ҷудо намуд.

Ягонагии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахс аз зарурати рафтори мутавозини шахс дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, эҳтироми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баробарии ҳуқуқии шахсон ба вуҷуд меояд. Яъне, уҳдадории шахсон дар баробари ҳуқуқҳои онҳо ҷузъи муҳимми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад ва онҳо, дар маҷмуъ, якдигарро пурра карда, мувозинатро дар ҷомеа нигоҳ медоранд.

**Зербоби дуюм «Ташаккули низоми ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст,** ки фарҳанги ниҳоят рангин ва нотакрори ҷаҳони муосир маҳсулу офаридаи халқ ё миллати ҷудогона, мамлакат ё кишвари мушаххас набуда, ҳосили муборизаҳо ва кӯшишҳои чандинасраи тамоми мардуми ҷаҳон аст. Агар мо ба роҳи паймудаи инсоният бо чашми хирад нигарем, бароямон аён мегардад, ки таърихи ҷомеаи инсонӣ, ба маънии дигари ин ибора, таърихи пайдоиш, ташаккулу такомул ва ниҳоят таназзулу эҳёи дигарбораи низоми ҷомеа ва бурду бохти тамаддунҳост [11, с. 26].

Уҳдадории ҳарбӣ дар давлатдориҳои қадим ва асримиёнагӣ дар тамоми давру замонҳо вазифаи пуршараф ҳисобида шуда, ба он гурӯҳи муайяни ашхос роҳ меёфтанд. Масалан, дар Рими қадим хизмати ҳарбӣ афзалияти табақаи ашроф буд ва танҳо пас аз ислоҳотҳои Гай Мария дар соли 107 пеш аз мелод табақаҳои дигар ба хизмати ҳарбӣ имкон пайдо карданд. Мувофиқи ин ислоҳот ва ислоҳотҳои минбаъда, хоҳишмандони ихтиёрӣ ба хизмати ҳарбӣ афзуд, зеро Рим дар он замон аз ҷиҳати ҳарбию иқтисодӣ тараққӣ карда буд ва бар ивази хизмат ба сарбозон хона, замин ва ҳатто молу мулк тақдим мекард. Маҳз ҳамин омил Римро яке аз пурзӯртарин империяҳои дунё гардонид [22, с. 66-72; 51, с. 18].

Дар асрҳои миёна, уҳдадории ҳарбӣ ба воситаи ғуломон иҷро карда мешуд. Яъне, феодалон барои таъмини шоҳ бо лашкар дар ҳолати зарурӣ уҳдадор буданд, ки ғуломонашонро барои иҷрои ин кор пешбарӣ намоянд.

Бояд қайд кард, ки дарки уҳдадорӣ дар фарҳангҳои гуногун, давраҳои таърихӣ ва заминаҳои иҷтимоӣ фарқ мекунад. Уҳдадориҳои мушаххасе, ки ба шахсони алоҳида гузошта шудаанд, бо мурури замон тағйир меёбанд, зеро арзишҳо ва ниёзҳои ҷомеа дар таҳаввулот қарор доранд.

Аз ин рӯ, омӯзиши рушди таърихии уҳдадории ҳарбӣ барои дарки амиқи мавзуъ муҳим аст, зеро институти уҳдадорӣ ва дар умум, уҳдадории ҳарбӣ дар тули таърих роҳи тулониеро тай намудааст.

Мавриди зикр аст, ки уҳдадорӣ дар заминаҳои динӣ нақши муҳим дошта, аксар вақт ҳамчун ҷанбаи марказии уҳдадориҳои руҳӣ ва ахлоқии шахс фаҳмида мешавад. Анъанаҳои динҳои гуногуни ҷаҳонӣ аҳаммияти иҷрои уҳдадориҳои худро ҳамчун роҳи пешбурди зиндагии шоиста таъкид мекунанд. Уҳдадорӣ як чорчӯбаи ахлоқиро дар таълимоти динӣ таъмин мекунад. Матнҳо ва таълимоти динӣ аксар вақт уҳдадориҳо ва масъулиятҳои мушаххасеро нишон медиҳанд, ки шахсони алоҳида бояд иҷро кунанд.

Бояд қайд кард, ки уҳдадориҳои мушаххас ва таъкиди онҳо дар анъанаҳои динҳои гуногун фарқ карда, барои пайравонашон марказӣ ва муҳим ҳисобида мешаванд. Илова бар ин, тафсир ва фаҳмиши уҳдадориҳо дар доираи анъанаи ҳар дин дар байни пайравони он низ фарқ мекунад.

Дар асрҳои миёна уҳдадории ҳарбӣ ба воситаи ғуломон иҷро карда мешуд. Яъне, феодалон барои таъмини шоҳ бо лашкар дар ҳолати зарурӣ уҳдадор буданд, ғуломонашонро барои иҷрои ин кор пешбарӣ намоянд.

Дар таърих роҳҳои гуногуни даъват ба артиш вуҷуд дошт, ки роиҷтарини он ба тариқи зер аст:

– зархаридӣ. Зархарид шахсе мебошад, ки на бо сабабҳои идеологӣ, миллӣ, сиёсӣ (бо ин ё он гурӯҳи идеологӣ мансуб ва ба

натиҷаи низоъ манфиатдор нест) ва ба мунокишаи мусаллаҳона баҳри манфиати шахсӣ ворид мешавад. Раванди зархаридиро ба се давраи таърихӣ тақсим мекунанд:

– пайдоиш ва таҳаввули зархаридӣ ҳамчун институти хизмати ҳарбӣ, шакли ташкили ҳарбӣ (асрҳои II-III пеш аз милод-асри XIX);

– рушди зархаридӣ ҳамчун воситаи сиёсати давлатӣ ҳангоми даргириҳои мусаллаҳона (асри XX);

– ҳолати кунунии зархаридӣ (охири асри XX-ибтидои асри XXI).

Уҳдадории ҳарбӣ дар Ислом низ ба маънои имрӯза нест. Ба андешаи В.Г. Самигулин, дар назди арабҳо сафарбаркунӣ (мобилизатсия) ва ҷиҳод мафҳумҳои айнианд [30, с. 36].

Аз ин рӯ, дар таълимоти исломӣ оид ба навъҳои гуногуни ҷиҳод муқаррарот мавҷуд аст, аз ҷумла, инҳоро ҷудо мекунанд. Баргузории амалиёти ҷангӣ барои ҳифзи ҷону моли мардум, ҳифзи давлат аз таҷовуз дар Ислом воҷиб (фарз) аст. Мусулмононе, ки дар ҷангҳо иштирок мекунанд, муҷоҳид ва ғозӣ номида мешаванд.

Дар давраи Салҷуқиён шакли нави иҷрои уҳдадории ҳарбӣ, яъне озод шудан аз хизмати ҳарбӣ бо пардохти маблағ ба вуҷуд омад.

Масъалаи ҷалби халқҳои Осиёи Миёна ба артиш аввалин маротиба дар солҳои 1879-1880 муҳокима карда шуда буд. Дар рафти кори кумитаи махсус ташкилкардашуда аз нав дида баромадани лоиҳаи «Низомнома дар бораи хизмати ҳарбӣ» ба ҳисоб мерафт. Хулосаҳои кумита бештар ба фикри маъмурияти вилоят, пеш аз ҳама, генерал-губернаторҳои Оренбург ва Туркистон асос ёфта буд. Генерал-губернатори Туркистон К.П. Фон Кауфман ҷалби халқҳои муқимӣ ва бодиянишини вилояти Туркистонро ба иҷрои хизмати ҳарбӣ, дар ҳар шакле, ки бошад, бармаҳал медонист.

Уҳдадории ҳарбӣ дар асрҳои Миёна унсури марказии низоми вассалият буд, ки дар доираи он ҳар як заминдор (вассал) бояд ба сенёри худ одамони мусаллаҳро пешниҳод кунад ё шахсан дар амалиёти ҷангӣ иштирок кунад. Дар Шароити Англияи феодалӣ хизмати ҳарбӣ бевосита бо ҳуқуқи нигоҳ доштани замин алоқаманд

ва иҷро накардани он ба вайрон кардани шартномаи феодалӣ баробар буд.

Хартияи бузурги озодиҳо зарурати риояи ҳуқуқ ва маҳдудиятҳои анъанавии подшоҳ, аз ҷумла тартиби сафарбар кардани ритсарҳо ва ситонидани боҷҳои низомиро сабт кард. Ҳамин тавр, моддаи 12 Хартия муқаррар кард: "Дар салтанати мо ҳеҷ гуна андоз ё боҷ муқаррар карда намешавад, ба истисноа маслиҳати умумии салтанати мо". Ин меъёр бори аввал принсипи розигии тобеъонро барои ҷорӣ кардани уҳдадориҳои низомӣ муайян кард. Моддаи 14 муайян мекард, ки ин шуро чӣ гуна бояд даъват карда шавад, яъне дар асл пайдоиши назорати парлумонӣ бар хароҷоти низомиро сабт кард.

Хартияи бузурги озодиҳо ба танзими ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ асос гузошта, механизми маҳдуд кардани ҳокимияти давлатиро дар соҳаи сафарбаркунӣ таъмин намуд. Ин раванд марҳилаи гузариш аз низоми феодалии уҳдадориҳои мутақобила ба давлати ба ҳуқуқ асосёфта буд. Афкори ҳуқуқии Англия дар асри XIII ба рушди минбаъдаи назарияи уҳдадориҳо ва ҳуқуқи инсон таъсир расонд.

Инқилоби Фаронса солҳои 1789–1799 на танҳо дар соҳаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, балки дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқӣ, ҳарбӣ ва маъмурии кишварҳои ҷаҳон тағйироти ҷиддиро ба бор овард. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ин раванд, ки то имрӯз аз ҷониби таърихшиносон ва ҳуқуқшиносон мавриди омӯзиш қарор дорад, таҳаввулот ё рушди уҳдадории ҳарбӣ дар ин давра мебошад. Пеш аз инқилоб низоми ҳарбӣ, асосан, бар пояи сарбозгирии ихтиёрӣ ва анъанавии феодалӣ асос ёфта буд. Бо оғози инқилоб ва барҳам хӯрдани монархия, зарурати таъсиси артиш ва дифои дастовардҳои инқилоб боис гардид, ки муносибат ба хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ куллан тағйир ёбад.

Дар Фаронсаи қабл аз инқилоб, хизмат дар артиш, асосан, бо ихтиёр сурат мегирифт. Бештари сарбозонро ашхоси камбизоат ташкил медоданд, ки бо музди ночиз ва умеди ба даст овардани мақоми иҷтимоӣ ба артиш мепайвастанд. Зиёиёни феодалӣ ва ашрофзодагон мақоми афсаронро ишғол мекарданд. Ин низом на

танҳо ноадолатона буд, балки дар шароити таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ бесамар низ ба назар мерасид.

Инқилоби Фаронса ва таҷрибаи уҳдадории умумии ҳарбӣ дар он давра ба дигар кишварҳо низ таъсири амиқ расонд. Сарчашмаҳои баъдинаи ҳуқуқии бисёре аз давлатҳо, аз ҷумла Кодекси низомии Наполеон ва ҳатто консепсияҳои муосири хизмати ҳатмии ҳарбӣ дар Аврупо ва Осиё, то ҷое аз ин таҷриба илҳом гирифтаанд.

Идеяи хизмат ҳамчун уҳдадории ҳуқуқии шаҳрванд, на ҳамчун ихтиёр ё ҷазо, маҳз дар давраи Инқилоби Фаронса шакл гирифт ва таҳким ёфт. Ин раванд огоҳона ва бо мақсади ҳифзи сохти ҷумҳуриявӣ ва истиқлолияти миллӣамалӣ карда шуд.

Таҳаввулоти уҳдадории ҳарбӣ дар давраи Инқилоби Фаронса на танҳоҷанбаи таърихӣ дорад, балки ба таври васеъ дар таҳаввулоти минбаъдаи низоми ҳуқуқии ҳарбӣ дар Аврупо ва ҷаҳон таъсири бевосита расонид. Бо муқаррар намудани уҳдадории умумии шаҳрвандон барои хизмат дар артиш, давлатҳои муосир тавонистанд артиши миллии пурқувват ва устуворро ташкил диҳанд, ки на танҳо барои дифоъ, балки барои таҳкими ҳуввияти миллӣ ва ваҳдати ҷомеа хидмат мекунад. Таҷрибаи ҳуқуқии инқилобӣ дар ин самт дар заминаи назариявӣ ва амалӣ ба ташаккули ҳуқуқи ҳарбии муосир накш дарад.

Дар давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, Артиши миллӣ 18 декабри соли 1992 аз ҷониби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тибқи Қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуда, он дар заминаи «Фронти халқӣ» фаъолияти оғоз намуд.

**Зербоби сеюми боби якуми диссертатсия «Ҳуқуқу озодиҳои инсон дар заминаи уҳдадории ҳарбӣ ва таъмини амният аз дидгоҳҳои ҳуқуқи байналмилалӣ»** ном гирифта, ба таҳлили таҳаввулоти ҳуқуқи инсон, ки ба уҳдадории ҳарбӣ, рӯйдодҳои таърихӣ, пешрафти иҷтимоӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ таъсир расониданд, бахшида шудааст. Бо мурури замон кӯшишҳо ба харҷ дода шуданд, ки ниёзҳои амалиёти низомӣ бо ҳифзи ҳуқуқи инсон мувофиқат

кунанд. Ҳодисаҳои ваҳшиёнаи дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ содиршуда боиси тамаркузи дубора ба ҳуқуқи инсон гардид. Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон, ки соли 1948 қабул шуда буд, аҳаммияти ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба ҳаёт, озодӣ ва амнияти шахсро, сарфи назар аз шароити онҳо, таъкид кардааст. Ин эъломия барои рушди минбаъдаи чаҳорчӯби ҳуқуқи инсон замина гузошт.

Бояд иброз дошт, ки дар асоси қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқҳои инсон бо 4 асос маҳдуд карда мешаванд:

- таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар шахсон;
- таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;
- ҳимояи сохти конститутсионӣ;
- ҳимояи тамомияти арзии ҷумҳурӣ.

Мақсади ҷорӣ намудани уҳдадории ҳарбӣ низ вобаста ба вазифаҳои болозикр мебошад.

Ҳуқуқи даст кашидан аз хизмати ҳарбӣ дар асоси эътиқоди динӣ ҳамчун ҷанбаи муҳимми ҳуқуқи инсон эътироф мегардад. Механизмҳо ва заминаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсоне, ки аз рӯйи виҷдон аз уҳдадории ҳарбӣ саркашӣ мекунанд, инчунин, ҷиҳати таҳти таъқибу ҷазо қарор нагирифтани онҳо таҳия карда шуданд.

Ба андешаи Ш.Ф. Искандаров, инсоният дар давраи тараққиёти худ роҳу воситаҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқи худро пешниҳод ва ба вуҷуд овардааст. Дар ин бобат комёбии муҳимми ҳамкории байналхалқӣ ва ташаккули низоми ҳифзи ҳуқуқи инсон эътирофи ҷомеаи байналмилалӣ мебошад, ки кӯдак бинобар ноболиғии ҷисмонӣ ва руҳии худ ба ҳифзу нигоҳубини махсус, аз ҷумла, ба ҳифзи дурусти ҳуқуқӣ, чи пеш аз таваллуд ва чи баъд аз таваллуд, ниёз дорад [19, с. 58]. Кӯдаконе, ки ба хизмати ҳарбӣ маҷбур мешаванд, дучори хушунат гашта, аз таҳсил маҳрум мегарданд ва мавриди осеби ҷисмонӣ ва равонӣ қарор мегиранд.

Аксар вақт кӯдакон на танҳо тамошобин, балки иштирокчиёни бевоситаи ин «театри хунин» мегарданд. Кӯдакон бо сабабҳои гуногун бо ҚМ ва гурӯҳҳои мусаллаҳ алоқаманд мешаванд: дар баъзе маврид онҳоро унсурҳои мусаллаҳ маҷбуран ба хизмат ҷалб

мекунанд ё онҳо рабуда мешаванд, дар ҳолатҳои дигар кӯдакон бо роҳи тарсондан маҷбур мегарданд, ки ба онҳо ҳамроҳ шаванд. Ҷалби кӯдакон, инчунин, дар заминаи фақр, табъиз, интиқом ва садоқат ба як гурӯҳи этникӣ, мазҳабӣ ё қабилавӣ сурат мегирад. Аксар вақт ноамнӣ ва оворашавӣ кӯдакон, бахусус онҳоеро, ки аз оилаҳои худ ҷудо шудаанд, ташвиқ мекунанд, то барои ҳимоя ва зинда мондани онҳо ба ягон гурӯҳи мусаллаҳ ҳамроҳ шаванд.

Бори аввал, дар матни санади ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳуми иштироки кӯдакон дар амалиёти ҷангӣ танҳо дар соли 1977 ҳангоми тартиб додани Протоколҳои иловагии Конвенсияҳои Женева «Дар бораи ҳимояи қурбониёни ҷанг» пайдо шудааст [3]. Протоколи иловагии I, ки ҳангоми даргириҳои мусаллаҳи байналмилалӣ татбиқ мешавад, давлатҳоро вазифадор мекунад, ки «тамоми чораҳои имконпазирро барои монеъ шудани иштироки бевоситаи кӯдакони то синни 15-сола дар амалиёти ҷанг андешанд», «аз ҷалби онҳо ба Қувваҳои мусаллаҳи худ худдорӣ намоянд» ва ба давлатҳои иштирокчӣ қатъиян тавсия медиҳад, ки ҳангоми даъват аз ҳисоби шахсони ба синни 18 нарасидаанд, худдорӣ намоянд.

Дар умум, санадҳои байналмилалии дар бораи ҳуқуқи инсон як чаҳорчӯби меъёриро пешниҳод мекунанд, ки ба хизмати ҳарбӣ дахл доранд. Онҳо стандартҳо ва интизориҳои давлатҳо ва ҚМ-ро барои эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқҳои ашхосе, ки дар артиш хизмат мекунанд, инчунин, ҳуқуқҳои ғайринизомиён, ки аз амалиёти низомӣ осеб дидаанд, муқаррар мекунанд. Бо риояи ин принсипҳо муассисаҳои ҳарбӣ кафолат медиҳанд, ки амалҳои онҳо ба ҳадафҳои васеътари ҳуқуқи инсон мувофиқат мекунанд ва фарҳанги шаъну шараф, адолат ва масъулиятро дар ҚМ риоя менамоянд.

**Боби дуюми диссертатсия «Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии уҳдадории ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввал, ки «Уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистон: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии даъвати шаҳрвандон»** унвон дорад, масъалаҳои танзими ҳуқуқии уҳдадории ҳарбиро муайян мекунад.

Мувофиқи Конститутсияи ҶТ, шаҳрвандон метавонанд аз синни 18-солагӣ мустақилона ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро пурра амалӣ намоянд. Дар ин синну сол шаҳрванд дараҷаи муайяни шуурнокӣ, инкишофи иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ пайдо мекунад, ки уҳдадориҳои худро барои ҳифзи Ватан мустақилона иҷро карда метавонад.

Уҳдадории ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», инҳоро пешбинӣ менамояд:

1) қайди ҳарбӣ;

2) омодасозӣ ба хизмати ҳарбӣ;

3) даъват ба хизмати ҳарбӣ;

4) адои хизмати ҳарбӣ;

5) дар эҳтиёт будан;

6) даъват ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ ва махсус.

Бақайдгирии ҳарбӣ шакли бақайдгирии захираҳои даъватӣ мебошад, ки мақсади асосии он бақайдгирии ҳарбӣ таъмини пурра ва босифати захираҳои кадрии даъватшавандаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳо ва мақомоти ҳарбӣ дар замони осоишта, инчунин, дар давраи сафарбаркунӣ, ҳолати ҳарбӣ ва дар замони ҷанг мебошад. Қонунҳои асосие, ки моҳият, мазмун ва ташкили бақайдгирии ҳарбии шаҳрвандонро танзим мекунанд, инҳоянд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.11.1995, №208 «Дар бораи мудофиа», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №799 «Дар бораи тайёрии сафарбаркунӣ ва сафарбаркунӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», ҳамчунин, «Низомномаи бақайдгирии ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2022, №416 тасдиқ гардидааст.

Тибқи қонунгузорӣ, шаҳрванд аз ибтидо то анҷоми таълими ҳарбӣ бояд амалҳоеро анҷом диҳад, ки ба таълим ва иҷрои вазифаҳои хизматчиёни ҳарбӣ нигаронида шудааст, инчунин, аз амалҳое, ки ба ин халал мерасонад, худдорӣ намояд. Ҳамин тавр, шаҳрванд аз лаҳзаи ба қисми захиравӣ сафарбар шудан ва то ба

охир расидани муҳлати дар он буданаш ё расидан ба муҳлати дар боло зикргардидаи давомнокии умумии таълими ҳарбӣ метавонад такроран ба хизмати ҳарбӣ даъват карда шавад ва аз таълими ҳарбӣ гузарад. Микдори умумии вазифаҳои ҳарбӣ, ки шаҳрванд дар ин давра даъват карда мешавад, ба салоҳдиди мақомоти ваколатдор, ки дар ин масъала озодии зиёд доранд, вобаста аст.

Танҳо дар давраи сафарбаркунӣ, вазъияти ҳарбӣ, инчунин, дар давраи ҷанг инҳо ба амал бароварда мешаванд: тайёрии ҳарбӣ дар давраи вазъияти ҳарбӣ ва давраи ҷанг, даъват ба хизмати ҳарбӣ барои сафарбарӣ, дар ҳолати ҳарбӣ ва замони ҷанг, хизмати ҳарбӣ дар давраи сафарбарӣ, дар ҳолати ҳарбӣ ва замони ҷанг. Аз сабаби мавҷуд будани камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии ин шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ муҳокима кардани амалҳое, ки содиршуда ё худдорӣ аз он барои шаҳрвандони уҳдадор зарур аст, то андозае душвор мебошад. Ҳамин тавр, барои ҳар шаҳрванд дар вақти тайёрии ҳарбӣ дониш ва маҳорати муайяни ҳарбиро аз худ кардан лозим меояд.

Ғайр аз ин, интихоби тасодуфӣ ба низомиён дар интихоби шахсони дорои як қатор малакаҳо ва қобилиятҳое, ки барои самаранокии ҳарбӣ муҳим мебошад, кумак мекунад. Масалан, бо истифода аз низоми лотерея низомиён афроди табақаҳо ва сатҳҳои гуногунро интихоб мекунанд, ки ин ба таъсиси неруи ҳамаҷониба ва муассири ҳарбӣ мусоидат мекунад.

Дар мафҳуми мақоми ҳуқуқӣ дар шакли умумии он мавқеи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ устувори шахс дар ҷомеа фаҳмида мешавад. Хизматчии ҳарбӣ субъекти махсуси ҳуқуқ ва дорои мақоми махсуси ҳуқуқ мебошад, ки дар хусусияти ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулият ифода мегардад.

Дар асоси назарияи умумии вазъи ҳуқуқӣ мо метавонем таърифи зерини вазъи махсуси ҳуқуқии хизматчии ҳарбиро диҳем: Вазъи махсуси ҳуқуқии хизматчии ҳарбӣ мақоми махсуси ҳуқуқии хизматчии ҳарбӣ дар ҷомеа ва давлат вобаста ба низоми ҳуқуқ, озодиҳо, уҳдадориҳо ва масъулиятҳои дар меъёрҳои махсуси қонунгузории умумӣ ва ҳарбӣ пешбинишуда мебошад.

Ҳуқуқҳои хизматчии ҳарбӣ гуфта, имконияттҳои иҷрои самарабахши хизмати ҳарбӣ дар назар дошта шудааст, ки Конститутсияи ҶТ пешбинӣ намуда, қонунҳои ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муқарраркардаи давлатро ҳифз мекунанд.

Истифодаи қуръа барои ҳайати артиш аз қадим маъмул будааст. Дар замони муосир қуръакашӣ дар ҷаҳон, бахусус, дар кишварҳои аврупоӣ васеъ паҳн шудааст. Аз ҷумла, дар Фаронса дар асри XVIII, ҳатто дар замони Луис баъзан одамонро бо қуръа барои хизмат дар полкҳои милитсия интихоб мекарданд. Соли 1805 Наполеони I низоми навро ҷорӣ намуд, ки мувофиқи он хизматчиёни ҳарбӣ то соли 1814 аз рӯйи рӯйхат бо истифода аз қуръа даъват карда мешуданд. Артиши турк низ бо қуръакашӣ ҷалб мешуд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ то имрӯз интихоби тасодуфии навоварон ва сафарбаркуниро анҷом медиҳад. Ба гуфтаи В.Н. Руденко, татбиқи усули интихоби тасодуфӣ, ҳатто дар сохторҳои давлатӣ самаранок аст [28, с. 496].

Дар Афинаи қадим аксари мансабдорон аз рӯйи қуръа интихоб мешуданд. Илова бар ин, ивазкунии кадрҳо хеле зуд-зуд ба амал меомад: масалан, судяҳои халқӣ ҳамагӣ як рӯз, аъзои Шуро ба муддати як сол интихоб карда мешуданд. Юнониҳо фаҳмида буданд, ки усули лотерея кӯшишҳои зиддиҷамъиятии номзадҳоро барои ба даст овардани мавқеи дилхоҳашон барбод медиҳад. Баргузории қуръа таъсири шахсии довталабро барои ин вазифа безарар мегардонад.

Кишварҳои гуногун даъвати тасодуфиро бо усулҳои гуногун амалӣ мекунанд. Масалан, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико лоиҳаи низомро дар давоми Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ, Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, Ҷанги Корея ва Ҷанги Ветнам татбиқ кардааст. Интихоб ба синну сол асос ёфта буд ва мардони мувофиқ ба санаи таваллудашон интихоб карда мешуданд. Дар давоми ҷанги Ветнам, соли 1969 низоми лотерея ҷорӣ карда шуд, то нигарониҳо дар бораи адолати лоиҳаро бартараф кунад. Низоми лотерея аз рӯйи санаи таваллуди шахс ва интихоби тасодуфӣ асос ёфта буд, ки он низоми пештараи

комиссияҳои маҳаллии лотереяро иваз кард. Даъвати ҳарбӣ дар соли 1973 бекор карда шуд ва аз он вақт инҷониб Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба артиши ихтиёриён такя мекунад.

**Зербоби дуюм «Ҳуқуқҳои инсон дар соҳаи ухдадории ҳарбӣ ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифтааст.** Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ҳангоми амалишавии онҳо маъно пайдо карда, бо ин дар бораи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сухан рондан мумкин нест. Ҳамчунин, татбиқи ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун татбиқи имкониятҳои аз ҷониби давлат муқарраршуда ва кафолатдодашуда, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективии шахсони воқеӣ нигаронида шудаанд, фаҳмида мешавад. Ҳуқуқ тавассути рафтори фаъолонаи шахс дар истифодаи арзишҳо ва неъматҳои моддию маънавӣ амалӣ мегардад.

Оинномаи ҳарбӣ ҳуҷҷати расмие мебошанд, ки ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳо ва принсипҳои истифодаи хизматчиёни ҳарбӣ, ҷузъу томҳо ва иттиҳодияҳои намудҳои гуногуни қувваҳои мусаллаҳ, қисмҳои қушунҳо (қувваҳо)-и сохторҳои қувваҳои мусаллаҳро муайян мекунанд.

Дар банди 1 «Оинномаи интизомӣ» омадааст, ки тамоми хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои гуногуни Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо, идораҳо ва муассисаҳои таълимии ҳарбӣ дастурҳои дар Оинномаи зикргардидаро қатъиян риоя намоянд. Ин ухдадорӣ ба шахсон, новобаста ба рутбаҳои ҳарбӣ, мақоми касбӣ ва нақши мушаххас дар хизмати ҳарбӣ, таъмин карда мешавад.

Ин санад ҳуқуқ ва ухдадориҳои умумии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва муносибати байни онҳо, ухдадориҳои шахсони мансабдори полк ва қисмҳои он, инчунин, қоидаҳои тартиботи дохилиро муайян мекунад. Оинномаи интизомӣ моҳияти интизоми ҳарбӣ, ухдадориҳои хизматчиёни ҳарбиро оид ба риояи он, навъҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазоҳои интизомӣ, ҳуқуқҳои фармондеҳони (сардорони) амаликунандаи онҳо, инчунин, тартиби пешниҳод ва баррасии онҳоро муайян мекунад.

Дар оинномаи интизомӣ мафҳуми интизоми ҳарбӣ дода шудааст, ки он иҷроиши қатъӣ ва дақиқи қоидаву тартибот аз ҷониби ҳамаи ҳизматчиёни ҳарбӣ ба ҳисоб меравад.

Оинномаҳои ҳарбӣ ҳамчун муҳимтарин сарчашмаи ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи мудофиаи миллӣ ва таъмини амнияти ҳарбии давлат таъин шудаанд.

**Боби 3 диссертатсия «Таҳлили муқоисавии уҳдадориҳои низомӣ ва нақши ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ» ном гирифта, аз 2 зербоб иборат аст. Дар зербоби 1 боби 3 «Таҳлили муқоисавии уҳдадории ҳарбӣ ва таҷрибаҳои давлатҳо»** моделҳои мувофиқи танзими ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешаванд.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосири тоҷик одат шудааст, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои муқоисавӣ ба давлатҳои пасошуравӣ такя карда мешавад, ки дар анҷом ин таҳлилҳо натиҷаи дилхоҳ ба бор намеоваранд, зеро як объект бояд бо объекти нисбатан монанд, аммо хубтар ва пешрафтатар муқоиса карда шавад.

Барои муқоиса мо тасмим гирифтем, давлатҳои Исроил, Сингапур ва Гурҷистонро интихоб намоем, ки ин интихоб бо якчанд омил асоснок карда мешавад:

Давлати Исроил:

1. Фалокати ба сари ин миллат дар давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ даҳшатовар буд.
2. Ин давлат, дар баробари Тоҷикистону Сингапур дар байни рақибони пурқудрат қарор дошт ва ҳар соат имкони аз байн рафтани он мавҷуд буд.
3. Исроил то ин дам таҷрибаи давлатдорӣ надошт ва ҳамаро аз сифр оғоз намуд.

Дар айни замон Исроил яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла дар соҳаи низомӣ мебошад. Он дорои иқтидори кофӣ барои тавлиди аслиҳаи пешрафта, техникаи сифатӣ ва микдорӣ барои артиш, дар баробари ин, дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи баҳсбарангез дорад ва аксар вақт мавриди маҳкумияти шадид қарор мегирад. Аммо ин ба Исроил барои нигоҳ доштани сатҳи баланди

комплекси ҳарбӣ-саноатии худ ва қобилияти содироти беҳтарин моделҳои аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ халал намерасонад.

Бо кадом сабабҳо Исроил тавонист ба яке аз бузургтарин содиркунандагони силоҳ дар ҷаҳон табдил ёбад (ҷои 6-ум аз рӯйи арзиши содироти силоҳ дар солҳои 2006-2013 пас аз ИМА, Россия, Фаронса, Олмон ва Британияи Кабир), дар ҳоле ки аз рӯйи андозаи худ яке аз хурдтарин кишварҳои ҷаҳон аст (20,779 км. кв.). Ин давлат захираҳои инсонии маҳдуд дорад: дар он қариб 9 миллион нафар зиндагӣ мекунанд ва дар ҳақиқат ягон намуди маъдани фоиданок, ки барои истеҳсоли бевоситаи навъҳои асосии техникаи ҳарбӣ зарур аст, вуҷуд надорад. Пас, чаро Исроил, ки чунин «маҳдудият» дорад, яке аз таъминкунандагони самараноки аслиҳа дар ҷаҳон аст ва ҳамкории ҳарбию техникӣ дар сиёсати хориҷии Исроил чӣ мавқеъ дорад?

Таҳлили муносибатҳои артиш, ҷамъият ва ҳокимияти сиёсии Исроил бояд аз он сар шавад, ки артиш дар ин мамлакат пеш аз эълон шудани истиқлолияти давлатӣ ба вуҷуд омадааст. Гузашта аз ин, дар давраи тодавлатӣ дар ҷамоати яҳудиён барои давлатдории худ чаҳор лашкари ғайриқонунӣ меҷангиданд. Аз ин рӯ, пас аз эълони истиқлоли давлатӣ дар соли 1948, зарурати таъсиси артиш аз сифр не, балки ба шароити нав мутобиқ кардани он чизе, ки аллакай вуҷуд дошт, пеш омад. Барои ҳамин аввалин вазифае, ки дар назди роҳбарони давлат меистод, ҳар чи зудтар муттаҳид намудани артиш буд, ки ҳар кадоми онҳо фармондиҳии худро доштанд, ба қувваҳои сиёсии ба худ наздик нигаронида шуда буданд.

Доктринаи ҳарбии Исроил ҳуҷҷати расмиест, ки сиёсати ҳарбии давлатро муайян менамояд ва он соли 1953 қабул шудааст. Муқаррароти асосии доктринаи ҳарбии Исроил инҳо мебошанд:

– Аҳолии Исроил аз ҷиҳати шумора аз мамлакатҳои ҳамсоя кам аст ва дарояндаи наздик Исроил ҳамеша маҷбур мешавад, ки ба муқобили душмане, ки аз ҷиҳати шумора зиёдтар аст, ҷанг кунад;

– Баҳси Исроил бо давлатҳои ҳамсоя на аз ҳалли масъалаи сарҳадҳо, балки аз он иборат аст, ки душман худи факти

мавҷудияти давлати Исроилро қабул намекунад. Бартарии назарраси душманро дар техникаи ҳарбӣ ва шумора ба назар гирифта, Исроил танҳо дар сурате ба ғалаба умед баста метавонад, ки сохтори ҳарбии душман зуд барҳам дода шавад;

– Ҳудуди начандон калон, сарҳадҳои хеле дарунсохт ва наздикии инфрасохтор ва шаҳрҳои калон ба хатти фронт давлати Исроилро аз ҳама гуна умқи стратегӣ маҳрум мекунад. Дар минтақаи наздиктарин масофа аз баҳри Миёназамин то сарҳад ҳамагӣ 14 км аст. Дар ноҳияҳои сарҳадии Исроил монеаҳои табиӣ барои мудофиа (дарёҳои васеъ, кӯлҳо ва теппаҳо) вуҷуд надоранд;

– Барои Исроил сар кардани ҷанги дуру дароз манфиатовар нест. Ҷанг ба зарурати сафарбар кардани фоизи бузурги аҳолӣ оварда мерасонад. Дар чунин шароит иқтисодиёти давлат дар давоми чанд ҳафта баъди сар задани амалиёти ҷанг аз кор мемонад.

Қувваҳои мудофиаи Исроил ҷойест, ки дар он робитаҳои муҳимми иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Ин як муассисаи бузурги иҷтимоӣ аст, ки метавонад ҳамчун ҷаҳиш барои болравии мансабӣ хизмат кунад. Бисёр ширкатҳои исроилӣ киро кардани мутахассисони дорои таҷрибаи ҳарбиро афзал медонанд. Аз ин рӯ, шаҳрвандони Исроил одатан ба неруҳои ҷангӣ, полиси низомӣ ё посбонҳо дохил мешаванд. Саркашӣ аз иҷрои вазифаи ҳарбӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани асосҳои қонунӣ сурат мегирад.

Категорияҳои зерини шахсон аз тартиби муқарраргардидаи даъват озод карда мешаванд:

- Талабагони мактаби динӣ;
- Духтарони 20-солаи синни даъвати ҳарбӣ;
- Занони кӯдакдори исроилӣ;
- Бозгашти ҳар ду ҷинс бо кӯдакон;
- Духтароне, ки бинобар эътиқоди динӣ наметавонанд дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ ҚМ хизмат кунанд ва ба онҳо хизмати алтернативӣ пешниҳод карда мешавад;
- Шахсоне, ки бо сабаби саломатӣ хизмати ҳарбиро иҷро карда наметавонанд.

Агар исроилӣ дар давраи маъракаи даъват дар муассисаи таҳсилоти олӣ таҳсил кунад, пас, ӯ ҳуқуқи таъхирро дорад.

Сингапур давлате мебошад, ки ба мисли Тоҷикистон соли 1965 дар як вазъияти мушкил истиқлолият ба даст овард.

1. Давлате буд, ки шарики сиёсӣ надошт ва ҳамеша дар хатари зери ҳамла қарор гирифтан буд.

2. Ба мисли кишвари мо артишро аз сифр сохт.

Санаи 9 августи соли 1965 Сингапур аз Федератсияи Малайзия ҷудо шуд ва дар ҳайати Иттиҳоди Миллатҳо таҳти роҳбарии Британия давлати мустақил гардид. Моҳи майи соли 1966 дар Лондон дар бораи имкони аз нав дида баромадани мақоми базаҳои низомии Британия дар Сингапур гуфтушунидҳо сурат гирифт. Аз соли 1967 то инҷониб рушди интенсивии Қувваҳои мусаллаҳи Сингапур бо иштироки машваратчиён ва мутахассисони ҳарбии хориҷӣ (аз Британияи Кабир, Австралия ва Исроил) оғоз ёфт.

Сарфармондеҳи олии ҚМ Сингапур, тибқи Конститутсия, Президент буда, роҳбарии умумии сиёсӣ ва ҳарбии ҚМ-ро Шурои машваратӣ ба амал мебарорад.

Пас аз инқилоби садбарги соли 2003 ислоҳоти ҚМ Гурҷистон оғоз шуд, ки бо афзоиши хароҷоти низомӣ ҳамроҳ буд. Дар давраи баъд аз соли 2003 Гурҷистон рекорди ҷаҳонӣ оид ба афзоиши буҷети ҳарбӣ гузошт. Солҳои 2003-2007 ин буҷет беш аз 30 маротиба афзуда, аз 30 миллион доллар (0,7% ММД) дар соли 2003 то 940 миллион доллар (8,0% ММД) дар 2007 афзоиш ёфтааст. Дар буҷети Гурҷистон барои соли 2008 хароҷоти Вазорати мудофиа 1 миллиард доллар пешбинӣ шуда буд, ки тақрибан 8% ММД ва зиёда аз 25% тамоми даромадҳои буҷети Гурҷистонро ташкил медод.

Дар Гурҷистон дар асоси тағйироти охирин ба қонунгузории уҳдадории ҳарбӣ вобаста ба доғи судӣ танҳо шахсоне озод карда мешаванд, ки ҷинояти вазнин ва махусан вазнин содир намудаанд. Ҳамчунин, дар асоси ин навоварӣ, ба таъхир андохтани хизмати ҳарбӣ бо пардохти маблағи муайян имконпазир мебошад.

Қонунгузории Гурҷистон боз як навоварии ҷолиби диққат дорад, ки дар он ба хизмати ҳарбӣ шаҳрвандони хориҷӣ қабул карда мешаванд. Дар боло қайд намуда будем, ки дар ИМА новобаста аз шаҳрвандӣ шахс уҳдадор аст аз синни 18 то 45 дар қайди ҳарбӣ бошад, аммо дар Гурҷистон боз ҳам пештар рафтанд.

Хулоса, барои боз ҳам беҳтар намудани даъват ба хизмати ҳарбӣ ва хубтар намудани шароити хизмат, ҳамзамон, ҷиҳати ташкили як артиши муқтадир дар минтақа метавон аз таҷрибаҳои болозикр истифода намуд. Аслан, қабули чунин навоварӣ ва ташкили он дар соҳаҳои ғайринизомии уҳдадории ҳарбӣ самаранок ба назар мерасад.

**Зербоби дуюми боби 3 «Мафҳуми ватандӯстӣ ва нақши он дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ» ном гирифта,** ватандӯстӣ ҳамчун мафҳуми васеъ муҳаббат ва садоқатро дар бар мегирад, ки шахс нисбати ватани худ дорад. Ватандӯстӣ пайванди амиқро бо миллат, таърих, фарҳанг, арзишҳо ва идеалҳои он дар бар мегирад.

Дар асл ватандӯстӣ ҳисси ифтихор аз кишвари худ ва хоҳиши саҳм гузоштан ба беҳбудии он аст. Ватандӯстӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад, аз намоиши рамзҳои миллӣ ва иштирок дар иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ то таблиғи фаъолонаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ.

Дар ҷомеаи демократӣ институти ватандӯстӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини он ба ҳисоб меравад, зеро ин имкон медиҳад, то насли наврас дар асоси принсипҳои эҳтиром ба фарҳанг, таърих, қонунҳои давлат ва шаҳрвандон ба иштирок дар нигоҳдории амният ва беҳбудии он нигаронида шавад.

Яке аз сабабҳои пошхӯрии ИҶШС надоштани базаи мустаҳками тарбиявӣ, идеологӣ ва аз ҳама муҳим ҳисси баланди ватандӯстӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ватандӯстӣ аз хоҳиши объективии ҷомеа ва ҳар як шахс ба субот ва дарки амнияти худ зуҳур менамояд. Ватандӯстӣ як низоми ҷаҳонбинии муштараки давлат ва ҷомеа буда, барои муттаҳидсозии ҷомеа, ташаккул додани худшиносӣ, мақсаду вазифаҳои стратегии он равона гардидааст.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки ватандӯстӣ дар фарҳангҳо ва ҷомеаҳо шаклу тафсирҳои гуногун дорад. Ифодаи ватандӯстӣ вобаста ба шароити таърихӣ, низомҳои сиёсӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ фарқ мекунад, дар ҳоле ки баъзе муҳаққиқон ватандӯстиро як қувваи фарогир ва муттаҳидкунанда мешуморанд, барои дигар онро ҳамчун хатари миллатгароӣ ба қалам медиҳанд.

Асоси мафҳуми «ватандӯстӣ»-ро калимаи ватан ташкил мекунад. Аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» чунин оварда шудааст, ки: «Ватан – Тоҷикистон, кишвари азизу маҳбуб барои шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба он ҳамчун шароити зарурии некуаҳволии худ медонанд». Дар асоси ин мафҳуми ватандӯстӣ чунин оварда шудааст: «Ватандӯстӣ – муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан аст» [2].

Дарки мафҳуми васеи ватандӯстӣ барои омӯхтани моҳият, аҳаммияти таърихӣ ва нақши он дар ҷомеаи муосир хеле муҳим аст. «Ташаккули рафтори шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ маънии ташвиқи наврас ба танзими рафтори ӯ буда, метавонад меъёрҳои дар ҷомеа қабулшударо дар бар гирад».

Муҳаббат ба ватан асоси ватандӯстиро ташкил медиҳад. Он пайванди эҳсосӣ, эҳтироми меҳрубонӣ ва ғамхории ҳақиқӣ ба замин, одамон, фарҳанг ва мероси миллатро дар бар мегирад. Ин муҳаббат аз доираи манфиатҳои шахсӣ фаротар буда, саъю кӯшиши васеътарро ба беҳбудии коллектив ва муваффақиятҳои тамоми мамлакат фарогир аст.

Гузашта аз ин, ватандӯстӣ аз миллатгароӣ фарқ мекунад, ҳарчанд ин ду истилоҳ унсурҳои нисбатан ба ҳам монанд доранд. Ватандӯстӣ муҳаббат ба кишвари худ ва хоҳиши саҳми мусбат дар рушди он аст, вале миллатгароӣ майл дорад, ки манофеи миллатро болотар аз ҳама чиз гузашта, баъзан дурнамо ва некӯаҳволии миллатҳои дигарро нодида гирад.

Ҳамин тавр, дар таърих ватандӯстиро ҳамчун ҳисси хоси падидаҳои гуногун дар муносибатҳои иҷтимоӣ меноманд. Аксар вақт фаҳмиши муҳаббат ба Ватан, масалан, бо муҳаббат ба давлат ва ғайра иваз карда мешавад. Масалан:

– ватандӯстии давлатӣ (этатикӣ) – муҳаббат ба давлат;

– ватандӯстии империалистӣ – садоқат (муҳаббат) ба империя ва ҳукумати он;

– ватандӯстии полис (шаҳрӣ) – муҳаббат ба полис (шаҳр), яъне тарзи зиндагӣ, анъана, хусусият ва равияҳо. Он дар давлатҳои

қадимии шаҳрҳо (полисҳо) вуҷуд дошта, ба равияҳои динии маҳаллӣ асос ёфта буд.

– ултраватандӯстӣ – муҳаббат ба Ватан дар шаклҳои шадид;

– ватандӯстии этникӣ – муҳаббат ба миллат;

– ватандӯстии шаҳрдорӣ – муҳаббат ба шаҳри худ.

Таҳаввулоти ватандӯстӣ дар замони муосир эътирофи бештари вобастагии ҷаҳонишавӣ, бисёрфарҳангӣ, арзишҳои демократӣ ва шаҳрвандии фаъолро инъикос мекунад. Ватандӯстони муосир саъй мекунанд, ки ҷомеаҳои фарогир ва одилона бунёд намуда, ба некуаҳволӣ ва пешравии миллатҳои худ саҳм гузоранд, ҳамзамон, гуногунрангӣ ва пайвастагии ҷаҳонро фаро гиранд.

Ватандӯстӣ муҳаббат, садоқат ба ватан, арзишҳо ва ниҳодҳои он буда, дар бисёр ҷиҳатҳо, аз ҷумла дар дастгирии манфиатҳои миллӣ, рамзҳо, анъанаҳо ва фарҳангҳо зоҳир мешавад.

Мавҷудият ва рушди давлат бидуни фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки асоси онро аҳолии кишвар ташкил медиҳад, ғайриимкон аст. Муҳимтарин ҷузъи ҷомеаи шаҳрвандӣ муассисаи таълимӣ мебошад, ки насли наврас (ҷавонон)-ро дар асоси принсипҳои эҳтиром ба фарҳанг, таърих, қонунҳои давлат, яъне дар асоси муносибати ватандӯстӣ ба миллат тарбия мекунад.

Принсипҳои амалисозии ваколатҳои давлатӣ ва амалӣ намудани фаъолияти тарбияи ватандӯстӣ аз ҷониби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ инҳоро дар бар мегирад: қонуният; баробарии иштирокчиёни ин муносибатҳо – шахсони алоҳида, ҷамъият ва давлат; оммавӣ; уҳдадорӣ; мувофиқат.

Масъалаи асосҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистон ҳарчанд дар санадҳо ва барномаҳову стратегияҳо дарҷ ёфта бошад ҳам, нигоҳи сирф ҳуқуқӣ ба ин соҳа, ба андешаи муаллиф, маҳз аз тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» оғоз шуд, зеро қабули ин қонун дар таҳрири нав ва ҷорӣ намудани шакли «сафарбарӣ» дар ҷомеа саволҳои гуногунро ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, мақомоти қонунгузори кишвар дар як муддати кӯтоҳ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»-ро қабул намуд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси олӣ соли 2022 қайд намуданд: «Мо имсол «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027»-ро қабул намудем. Дар ин замина, зарур аст, ки аз ҷониби Кумитаи ҷавонон ва варзиш якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати қабули барномаҳои маҳаллии кор бо ҷавонон тадбирҳои амалӣ андешида шаванд» [55].

Низоми тарбияи ватандӯстӣ тамоми зинаҳои фаъолияти тарбиявиро фаро мегирад, ки аз оила, муассисаҳои томактабӣ ва тарбиявӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, варзиш, меҳнат, ҳарбӣ ва дигар дастаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ сар карда то мақомоти олии давлат анҷом меёбад.

Дар низоми тарбияи ватандӯстӣ оила ҳамчун асоси ҷомеа ҷойи махсусро ишғол мекунад. Маҳз дар оила раванди тарбияи шахсият, ташаккул ва инкишофи ватандӯстӣ оғоз гардида, баъдан дар коллективҳои тарбиявӣ, меҳнатӣ, ҳарбӣ, муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ идома меёбад.

## ХУЛОСА

Дар асоси таҳлил ва таҳқиқи мавзуъ метавон чунин хулоса кард:

1. Уҳдадории ҳарбӣ – аз пояҳои асосии давлатдорӣ буда, вобаста ба талаботи замон ва рушди ҷомеа ба тағйирот рӯ ба рӯ мешавад. Ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқӣ байни мафҳумҳои «уҳдадории ҳарбӣ» ва «хизмати ҳарбӣ» фикри ягона вуҷуд надошта бошад ҳам, истифодаи мафҳуми «уҳдадории ҳарбӣ» дар қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки он аз мафҳуми «хизмати ҳарбӣ» фарогиртар аст [2-М; 3-М].

2. Уҳдадории ҳарбӣ дар даврони қадим ва асрҳои миёна ба маънои имрӯзааш фаҳмида намешуд. Давлатдориҳои қадима ва асримиёнагӣ муносибаташонро ба уҳдадории ҳарбӣ дар заминаи эътиқодоти динӣ ва табақаҳои ҷомеа ба роҳ мемонданд. Аз ҷумла,

дар Шарқ, хусусан гузаштагони тоҷик, муносибати худро бо уҳдадории ҳарбӣ, чи дар замони зардуштӣ ва чи дар давраи исломӣ, дар заминаи дин пайрезӣ мекарданд, дар ҳоле ки давлатдориҳои ғарбӣ то интишор ёфтани масеҳият дар он дар масъалаҳои мазкур аз рӯйи табақабандии мардум муносибат мекарданд. Уҳдадории ҳарбӣ ба маънои имрӯзаш барои тоҷикон аз инқилоби октябр маншаъ мегирад [7-М; 8-М; 12-М].

3. Ҳангоми адои уҳдадории ҳарбӣ бархе аз ҳуқуқҳои инсон, ки аз принсипҳои бунёдӣ маншаъ мегиранд, ба гунае маҳдуд карда мешаванд. Омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки уҳдадории ҳарбӣ, дар қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ на ҳамчун маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон, балки ҳамчун масъулияти инсонӣ ва қарзи шаҳрвандӣ эътироф шуда, барои таъмини принсипҳои бунёдии ҷомеа зарур мебошад [1-М; 3-М].

4. Уҳдадории ҳарбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадори ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии сафарбаркунӣ ва сафарбаркунӣ» ба танзим медарорад.

Уҳдадории ҳарбӣ дар санадҳои зерқонунӣ аз қабили Низомнома «Дар бораи тартиби даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ», Низомномаи бақайдгирии ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Комиссияи даъватии ҷумҳуриявии шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ, Низомномаи мақомоти маҳаллии идоракунии ҳарбӣ, Низомномаи тартиби ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардани шаҳрвандон, Оинномаҳои интизомӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад, ки бо дигаргун шудани вазъи геосиёсии ҷаҳон имрӯз зарурати таҷдиди

назар намудани санадҳои маъёрии ҳуқуқии марбут ба уҳдадории ҳарбӣ пеш омадааст [1-М; 3-М].

5. Ҳарчанд соли 2021 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадори ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» дар таҳрири нав қабул карда шуда, амалишавии уҳдадории ҳарбӣ заминаҳои мусоид ва роҳкорҳои нав ба миён оварда бошад ҳам, то ҳол дар ин масъала мушкилот ба назар мерасад [2-М; 4-М].

6. Таъсис ва ташкили ҚМ дар давлатҳои Исроил, Сингапур ва Гурҷистон бо таъсису ташкили ҚМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шабоҳати зиёд дорад, зеро ҚМ дар ин кишварҳо аз сифр оғоз шудааст. Аз ин рӯ, истифода аз таҷрибаҳои кишварҳои мазкур дар ин самт барои рушду пешрафти ҚМ Тоҷикистон бисёр мувофиқ мебошад [2-М; 4-М].

7. Мафҳуми ватандӯстӣ бисёр васеъ буда, дар адабиёти илмӣ бо шарҳу тавзеҳи гуногун оварда шудааст. Хусусан, дар сарчашмаҳои гуногунсоҳаи классикии форсу тоҷик мафҳуми ватандӯстӣ аз далолати муосир ба куллӣ фарқ мекунад. Имрӯз ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин унсури тарбияи ҷавонон буда, масъулиятпазирӣ ва иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандиро нишон медиҳад [6-М; 9-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Аз таҳқиқ ва таҳлили мавзуъ маълум мешавад, ки диссертатсияи мазкур дар ин самт қадами нахустин буда, вобаста ба ҳар паҳлуи дигари уҳдадории ҳарбӣ метавон таҳқиқоти монографӣ анҷом дод. Бо хулосагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешавад:

1) Принсипи «ногузирии уҳдадории ҳарбӣ» ба қисми 5 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» илова карда шавад. Ин принсип ба рушди уҳдадории ҳарбӣ вобаста ба иҷрои хизмати ҳарбӣ оварда мерасонад, зеро он ҳангоми иҷро накардани уҳдадории ҳарбӣ то синни 27-солагӣ ҷавобгариро ба бор меоварад;

2) Синни хизмати ҳарбӣ дар баробари хизмати давлатӣ баланд бардошта шавад, яъне аз 27 ба 30-солагӣ. Дар ин ҳолат ягонагии синнусолӣ дар хизмати давлатӣ ба вуҷуд меояд.

3) Ҷавобгарии уҳдадории ҳарбӣ бештар хусусияти маъмурӣ дошта бошад, на ҷиноятӣ. Чи тавре аз мақсади ҷазо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, мақсади ҷазо ислоҳ намудани шахси ҷиноятсодирнамуда ва ба ҷамъият баргардонидани ӯ ба ҳисоб меравад, на таҳқиру азоби ҷисмонии ӯ. Ба ин васила қонун имконият медиҳад, ки шахс аз иҷрои уҳдадории ҳарбӣ озод шавад.

4) Вобаста ба таъмини шаффофият, адолат ва баробарӣ низоми электронии бақайдгирии ҳарбӣ ташкил карда шавад. Дар асоси ин додгоҳ маркази ягонаи даъватии ҳарбӣ ташкил карда, шаҳрвандонро дар асоси «интихоби тасодуфӣ» бе назардошти миллат, ранги пуст, вазъи молумулкӣ, баромади иҷтимоӣ ва дигар принсипҳои конститутсионӣ интихоб намояд.

5) Банди 2 қисми 1 моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» вобаста ба амалӣ нашудан ва аҳаммияти зиёди иҷтимоӣ надоштан хориҷ карда шавад.

6) Хизматчии давлатӣ танҳо аз ҳисоби шахсони адокардаи хизмати ҳарбӣ ҷалб карда шавад. Ба ин васила, ҳам рафтори ғайриқабули байни сарбозон ва ҳам эҳтироми хизматчии давлатӣ ба давлату миллат зиёд хоҳад гашт.

7) Институти ба таъхир андохтани уҳдадории ҳарбӣ бо роҳи пардохти маблағ ба буҷети давлат ва ба таъхир андохтан на зиёда аз ду маротиба амалӣ карда шуда, барои хатмкардагони бакалавр иҷозат дода нашавад.

Боварӣ дорем, ки амалӣ намудани ин тавсияҳо дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, ҷалби онҳо ба хизмати ҳарбӣ ва таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ, инчунин, ҳифзи тамомияти арзӣ мусоидат менамояд.

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Муминзода, М.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии магистратура [Матн] / М.Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). – С. 293-302; ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Муминзода, М.Н. Моделҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №4 (44). – С. 73-79; ISSN 2305-0535.

**[3-М].** Муминзода, М.Н. Масъалҳои ҳуқуқии муайян намудани мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 81-92; ISSN 2414 9217.

**[4-М].** Муминзода, М.Н. Принсипҳои уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода, М.Н. Муминзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №3 (47). – С. 89-95; ISSN 2305-0535.

**[5-М].** Муминзода, М.Н. Заминаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои рушди ҳисси ватандӯстӣ дар асоси қабули стратегия [Матн] / М.Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №4-1. – С. 251-256; ISSN 2413-5151.

**[6-М].** Муминзода, М.Н. Теоретико-правовое основание случайного выбора призываемых на военную службу [Текст] / М.Н. Муминзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – №6-2. – С. 203-210; ISSN 2413-5151.

**[7-М].** Муминзода, М.Н. Ташаккули уҳдадории ҳарбӣ дар асрҳои миёна: аз Magna Carta то Инқилоби Фаронса / М.Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – №5. – С. 308-314.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[8-М].** Муминов, М.Н. Джихад [Текст] / М.Н. Муминов // Развитие предпринимательского, коммерческого и туристического законодательства в период Государственной независимости Республики Таджикистан: материалы научно-практической конференции (18 мая 2018) / Под редакцией кандидатов юридических наук, доцентов Рахмона Д.С. и Сангинова Д.Ш. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – С. 292-297.

**[9-М].** Муминзода, М.Н. Ҷиҳод: мафҳум ва инкишофи таърихии он [Матн] / М.Н. Муминзода // Муҳаққиқи ҷавон. – 2021. – №1. – С. 118-123.

**[10-М].** Муминзода, М.Н. Омилҳо ва асосҳои ҳуқуқии қабули стратегияи ватандӯстӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9 декабри соли 2022) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 164-175.

**[11-М].** Муминзода, М.Н. Роль вооруженных сил в борьбе с терроризмом: теоретико-правовой аспект [Текст] / М.Н. Муминзода // «Право и экономика: актуальные вопросы коммерческого права и информационной безопасности»: материалы международной научно-практической конференции (25-26 апреля 2023 г.) / Под редакции доктора технических наук Х.Х. Назарзода, доктора экономических наук Ф.Р. Шаропова, доктора юридических наук Н.А. Кудратова. – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – С. 176-178.

**[12-М].** Муминзода, М.Н. Правовая ответственность в сфере воинской обязанности по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / М.Н. Муминзода // «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (28-29 апреля 2023 года): материалы международной научно-практической конференции Часть II. Гуманитарные науки (право, экономика) / Под общей

редакцией: к.э.н., доцента Ганиева Р.Г. – Душанбе, 2023. – С. 152-156.

**[13-М].** Муминзода, М.Н. Правовые источники обязанности человека в правовой системе зороастризма [Текст] // Юридическая ответственность: современные проблемы теории и практики: XXIII Междунар. науч. конф. (Москва, 12 апреля 2023 г.): Сб. научных статей / Под ред. Н.И. Архиповой, С.В. Тимофеева, И.А. Беляевой. – М.: РГГУ, 2023. – С. 30-40.

**[14-М].** Муминзода, М.Н. Шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ дар кишварҳои ҷаҳон: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода, М.Н. Муминзода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5 декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 19-25.

**[15-М].** Муминзода, М.Н. Масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии гузариш ба бақайдгирии ҳарбии электронӣ: монеаҳо ва имкониятҳо / М.Н. Муминзода // Нашрияи солонаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ: Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, эълони соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ва 30 - солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – С. 198-205.

**[16-М].** Муминзода, М.Н. Мафҳуми вазифаҳои конститутсионӣ ва аҳаммияти онҳо дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳуқуқи инсон ва мушкилот замони муосир: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5 декабри соли 2025) / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирализода И.Қ. – Душанбе: Моҳи-Мунир, 2025. – С. 323-328.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**На правах рукописи**

**УДК: 340.111(575.3)**
**ББК: 67.3**
**М – 90**

**МУМИНЗОДА МАХМАДШАРИФ НОЗИМ**

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ВОИНСКОЙ ОБЯЗАННОСТИ

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.1. Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

**ДУШАНБЕ – 2026**

**Диссертация выполнена на кафедре прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета.**

**Научный руководитель:** **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** – доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета.

**Официальные оппоненты:** **Одиназода Рамазон Сафар** – доктор юридических наук, профессор, директор Центра международных программ при Министерстве образования и науки Республики Таджикистан;

**Аламшоджода Фаридун Аламшо** – кандидат юридических наук, доцент, заместитель ректора по науке и инновации Таджикского педагогического института в Раштском районе.

**Оппонирующая организация:** Государственное учреждение «Международный университет туризма ипредпринимательства Таджикистана» (г. Душанбе).

Защита диссертации состоится «09» июня 2026 года, в 11$^{00}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-018 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, корпус 11, 1 этаж, зал диссертационного совета юридического факультета ТНУ).

Адрес: Кодиров Н.А. Email: master.nek@mail.ru (тел.: 905808686).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Автореферат разослан: «___» ____________ 2026 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета,**
**кандидат юридических наук, доцент** **Кодиров Н.А.**

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Защита Родины, охрана интересов государства, укрепление его независимости, безопасности и оборонной мощи, в соответствии с частью 1 статьи 43 Конституции Республики Таджикистан, является священный долг гражданина [1]. Вместе с тем наличие вооружённых сил относится к числу важнейших основ государственности, выступая надёжным гарантом защиты нации от внешней агрессии и фактором стабилизации угроз внутреннего характера.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, отмечает в своем труде «Независимость Таджикистана и возрождение нации», что одной из причин неспособности сохранить государственную власть и общественный порядок в первые дни обретения независимости являлось отсутствие надёжной и преданной вооружённой силы [10]. С первых дней независимости Таджикистан осознал значимость данного ключевого фактора государственности и несмотря на сложную политическую и экономическую обстановку, приступил к формированию Вооружённых сил.

Воинский призыв установлен с целью обеспечения общественных интересов обороны и безопасности государства, и при его осуществлении права и свободы, а также личные интересы обязанных граждан могут быть раширены либо ограничены.

В современной юридической науке конституционные обязанности личности в целом не получили всестороннего и системного научного осмысления. В частности, до настоящего времени отсутствует самостоятельное комплексное исследование воинской обязанности, направленное на решение теоретических проблем с учётом отечественного и зарубежного опыта правового регулирования и практики реализации воинской обязанности.

Следует отметить, что в настоящее время механизмы обеспечения национальной безопасности и обороны государства находятся в стадии трансформации. Отказ ряда государств от призывной системы комплектования армии в мирный период является отражением глубоких социальных и политических изменений. Среди ключевых причин можно назвать демографический спад, экономические потери, возникающие вследствие временного отрыва квалифицированных граждан от

профессиональной деятельности, а также переоценка роли армии в условиях современного общества. Усиление значимости прав человека, осуждение агрессивной политики, рост гражданского самосознания, сложности правового статуса призывников в военных конфликтах и трансформация самой природы вооружённых противостояний формируют объективную необходимость нормативного переосмысления данной сферы. В этих условиях механическое заимствование отдельных «универсальных» моделей и зарубежного опыта без надлежащей адаптации и научного обоснования представляется нелогичным, поскольку правовое регулирование в данной сфере опирается на исторические традиции и должно учитывать степень его соответствия либо несоответствия национальному менталитету.

Институт воинской обязанности в независимом Таджикистане проходит этап постепенных и последовательных реформ. Это прежде всего проявляется в изменении форм исполнения воинской обязанности. Наиболее заметным и фундаментальным нововведением в данной сфере стало введение альтернативной гражданской службы (мобилизационной), а также одновременное привлечение лиц, имеющих высшее образование. Указанные изменения в порядке прохождения военной службы, в свою очередь, повлияли на правила воинского учёта и порядок воинского призыва, что свидетельствует о постоянном стремлении государства к развитию новых форм исполнения воинской обязанности и повышению эффективности уже существующих.

Одной из теоретико-правовых проблем института воинской обязанности является столкновение законных интересов граждан в процессе прохождения военной службы. В связи с этим на современном этапе формирования национального государства особую значимость приобретает историко-правовое исследование воинской обязанности, а также выработка соответствующих предложений и рекомендаций, необходимых для её дальнейшего реформирования.

**Степень изученности темы исследования.** Круг вопросов, рассмотренных в ходе диссертационного исследования, носит комплексный характер и в той или иной мере уже находил отражение в трудах отечественных учёных. В частности, данным проблемам уделяли внимание У.А. Азиззода [17], Н.И. Бобоева [38], Э.Б. Буризода (И.Б. Буриев) [4], А.М. Диноршох (Диноршоев) [6; 41], Ш.Ф. Искандаров [19], П.А. Исозода [42], И.К. Миралиев [23], А.М. Мирзокаримзода [24], Ш.М. Мусоев [46], А.К. Назаров

[25; 47], Н.М. Назаршоев [7], Э.С. Насриддинзода (Насурдинов) [26; 27; 48], Х.О. Ойев [8; 9], И.И. Саидзода [29], Б.А. Сафарзода (Сафаров) [12; 50], Дж. Саъдизода [31; 36], Н.Д. Табаров [52], А.Г. Холикзода [34; 35], Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев) [14] .

Как уже отмечалось ранее, до настоящего времени воинская обязанность не становилась объектом самостоятельного и непосредственного исследования таджикских учёных. Лишь Ф.Ш. Шарифзода [37] и Г.М. Бобокалонов [18] в своих статьях затрагивали отдельные аспекты воинской обязанности. Так, в статье Ф.Ш. Шарифзода «Новеллы в законодательстве о воинской обязанности и военной службе (сравнительно-правовой анализ)» [37] кратко проанализированы изменения и дополнения, внесённые в 2020 году в Закон Республики Таджикистан «О воинской обязанности и военной службе». В статье Г.М. Бобокалонова «Правовое регулирование прекращения трудового договора при призыве работника или поступлении его на военную службу» [18] рассматриваются вопросы прекращения трудового договора в связи с призывом работника на военную службу. В трудах таджикских исследователей Э.Б. Буризода и Х.Х. Хушвахтзода нашли отражение отдельные аспекты воинской обязанности в истории таджикской государственности [15].

Зарубежные исследователи, в частности Н.М. Богатырёва, М.А. Гречухина, А.С. Климова, И.В. Коршунова, Н.А. Маслов, М.А. Пронина, К.И. Слесарский, С.В. Чибисов, Э.А. Юнусов, уделяли внимание проблематике воинской обязанности и патриотизма.

В частности, Н.А. Маслов в своих работах частично проанализировал исторические аспекты воинской обязанности. С.В. Чибисов осуществил всесторонний анализ истории законодательства о воинской обязанности. К.И. Слесарский рассмотрел конституционно-правовые аспекты воинской обязанности.

Несмотря на то, что воинская обязанность рассматривается зарубежными учёными в качестве актуальной и значимой научной проблемы, до настоящего времени в отечественной юридической науке она не получила должного внимания со стороны национальных исследователей.

**Связь исследования с программами, либо научной тематикой.** Диссертация подготовлена в рамках научно-исследовательских работ кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета

Таджикского национального университета по теме «Теоретические проблемы развития правовой системы Республики Таджикистан в условиях глобализационных процессов на 2021–2025 годы».

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Цель работы заключается в теоретическом осмыслении правовой природы и механизмов регулирования воинской обязанности, а также в определении путей её дальнейшего развития в условиях Республики Таджикистан с последующей выработкой практических предложений по совершенствованию соответствующей нормативной базы.

**Задачи исследования.** Для достижения поставленной цели в диссертации предполагается решение следующих задач:

– анализ и определение правовых принципов воинской обязанности и прохождения службы в Вооружённых Силах Республики Таджикистан;

– исследование процессов формирования и укрепления правовой системы воинской обязанности в Республике Таджикистан;

– изучение прав и свобод человека в контексте воинской обязанности и обеспечения национальной безопасности;

– анализ правовых и практических аспектов военной службы, а также порядка призыва граждан на военную службу в Республике Таджикистан;

– исследование уровня обеспечения и защиты прав человека в сфере военной службы и практики их реализации в Республике Таджикистан;

– проведение сравнительно-правового анализа правовых систем воинской обязанности и практики её реализации в зарубежных государствах;

– определение сущности и роли понятия патриотизма в процессе исполнения воинской обязанности.

**Объект исследования.** Объектом исследования выступает совокупность общественных отношений, складывающихся в процессе установления, реализации и трансформации воинской обязанности как правового института, рассматриваемого в его историческом развитии и теоретико-правовом осмыслении.

**Предметом исследования.** Предметом исследования является правовое регулирование воинской обязанности и военной службы в Республике Таджикистан.

**Этап, место и период исследования (исторические рамки исследования).** Настоящее диссертационное исследование охватывает историческое развитие и совершенствование института воинской обязанности начиная с периода зороастрийской правовой системы и до современного этапа. Период диссертационного исследования включает 2020–2025 годы.

**Теоретическая основа диссертационного исследования.** Исследование основывается на достижениях теории государства и права, истории государства и права, международного права и науки конституционного права. На их основе осуществляется анализ и осмысление воинской обязанности как одного из важнейших правовых институтов. Теоретическую базу исследования также составляют труды известных отечественных и зарубежных учёных, посвящённые проблемам воинской обязанности граждан, прав и свобод человека, обеспечения национальной безопасности и организации военной системы. Использование действующего законодательства Республики Таджикистан и правового опыта других государств способствует укреплению теоретической основы исследования.

При подготовке диссертации в качестве значимых теоретических источников использованы научные труды зарубежных исследователей, в частности Н.М. Богатырёвой, М.А. Гречухиной, А.С. Климовой, И.В. Коршуновой, Н.А. Маслова, М.А. Прониной, К.И. Слесарского, С.В. Чибисова, Э.А. Юнусова, а также отечественных учёных: У.А. Азиззода, Н.И. Бобоевой, Э.Б. Буризода, А.М. Мирзокаримзода, Ш.М. Мусоева, Н.М. Назаршоева, Э.С. Насриддинзода, Х.О. Ойева, А.Г. Холикзода, Р.Ш. Шарофзода и других.

**Методологические основы исследования**. В процессе проведения настоящего исследования использовались общенаучные методы познания, в том числе анализ, индукция и дедукция, а также специальные научные методы, такие как сравнительно-исторический, аналитико-описательный и историко-правовой. Для более глубокого осмысления исследуемых вопросов и уточнения полученных данных применялись фактологические и статистические методы.

**Эмпирическая предпосылка.** В ходе исследования использованы Конституция Республики Таджикистан, кодексы, законы, постановления Правительства Республики Таджикистан, государственные программы и стратегии. Наряду с национальными нормативными правовыми актами применялись соответствующие международно-правовые документы, а также законодательство отдельных государств, регулирующее вопросы воинской обязанности и военной службы. Важнейшую эмпирическую основу исследования составляют Послания Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

**Научная новизна исследования заключается в следующем:**

1. Впервые воинская обязанность рассмотрена с правовой точки зрения в формате самостоятельного монографического исследования.

2. Воинская обязанность впервые проанализирована в сравнении с иными конституционными обязанностями граждан.

3. Впервые воинская обязанность рассмотрена в системе прав и свобод граждан, при этом выявлена и обоснована позиция законодателя в данной сфере.

4. Проанализированы подходы законодательства зарубежных государств к регулированию воинской обязанности и осуществлено их сопоставление с законодательством Республики Таджикистан.

5. Впервые воинская обязанность исследована как структурный элемент патриотизма и гражданского самосознания.

**Положения, выносимые на защиту:**

1. Разработана теоретико-правовая модель воинской обязанности как самостоятельного института гражданского права и определено её место в системе конституционных прав и свобод граждан в качестве неотъемлемого элемента правового статуса личности. Обосновано, что воинская обязанность не сводится лишь к разновидности социальной обязанности, а представляет собой комплексный правовой институт, находящийся в непосредственной взаимосвязи с основными правами и свободами граждан. В контексте конституционно-правового анализа воинская обязанность получает новое научное осмысление в связи с правом на национальную безопасность, конституционной обязанностью защиты Отечества, правами на свободу, равенство и гражданскую ответственность.

2. Проведён развернутый сравнительно-правовой анализ регулирования воинской обязанности в национальном законодательстве Республики Таджикистан и в законодательстве зарубежных государств, в рамках которого с научно-правовых позиций всесторонне оценены чувствительные вопросы данной сферы, формы исполнения воинской обязанности, механизмы реализации обязанностей граждан, правовые гарантии и принципы военной службы. Полученные результаты имеют не только прикладное значение для разработки и совершенствования национальных норм военной службы, но и формируют устойчивую концептуальную основу для развития правовой политики Республики Таджикистан в сфере воинской службы с учётом международных стандартов и требований национальной безопасности. В результате система воинской обязанности может быть одновременно приведена в соответствие с мировыми стандартами и ориентирована на полное обеспечение стратегических и оборонных интересов государства.

3. Исследование исторических и правовых аспектов воинской обязанности свидетельствует о том, что понятие и термин «воинская обязанность» как категория публичного права сформировались на более позднем этапе, тогда как исполнение оборонительной функции в древних обществах в определённой мере существовало в форме «социальной обязанности». Научная новизна состоит в том, что в современных исследованиях данная обязанность рассматривается не только как военная деятельность, но и как социально-политический институт. С этих позиций воинская обязанность охватывает не только защиту государственных границ, но и обеспечение внутренней стабильности, согласование общественных интересов и поддержание национальной идентичности. Такой подход позволяет оценивать влияние воинской обязанности как историко-правового явления шире, чем исключительно «защиту от внешней агрессии», и рассматривать её как механизм формирования государственной дееспособности и культуры патриотизма.

